# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

аз 25 августи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - раиси комиссия, Валиев Н.Ш., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, Гадоев Ҳ.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Набизода Маҳфуза Раҳмат **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯи диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, муҳим ва рӯзмарра буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии рушди соҳибкории занона дар вилояти Суғд бахшида шудааст.

Доир ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, афзоиши даромадҳои буҷетӣ, ташаккули табақаи миёна ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии ҷомеа баромад менамояд. Дар ин раванд рушди соҳибкории занона аҳамияти махсус касб мекунад, зеро иштироки фаъолонаи занон дар фаъолияти иқтисодӣ на танҳо имкониятҳои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатиро васеъ менамояд, балки ба таҳкими истиқлолияти иқтисодии онҳо, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии оилаҳо ва таъмини суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва дорои иқтидори баланди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳудуди вилоят соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, савдо, хизматрасонӣ, ҳунарҳои мардумӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва соҳибкории оилавӣ нисбатан рушд ёфтаанд. Дар аксари ин соҳаҳо иштироки занон назаррас мебошад. Занони вилоят махсусан дар савдои чакана, хизматрасонии маишӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳунармандӣ, кишоварзӣ, соҳибкории хонагӣ ва дигар шаклҳои соҳибкории хурд фаъолият менамоянд. Аз ин рӯ, рушди соҳибкории занона метавонад ба манбаи муҳими ташкили

чойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти маҳаллӣ, рушди деҳот ва баланд бардоштани даромади оилаҳо табдил ёбад.

Бо вуҷуди мавҷудияти имкониятҳои иқтисодӣ, вазъи соҳибкории занона дар вилояти Суғд бо як қатор мушкилоти ҳалталаб тавсиф мегардад. Қисми зиёди занони соҳибкор фаъолияти худро дар доираи соҳибкории хурд, инфиродӣ ё ғайрирасмӣ амалӣ менамоянд. Микёси фаъолияти онҳо маҳдуд буда, имконияти гузариш аз соҳибкории хурд ба соҳибкории миёна нисбатан паст мебошад. Норасоии сармояи ибтидоӣ ва гардон, дастрасии маҳдуд ба қарзҳои имтиёзнок, сатҳи пасти истифодаи технологияҳои рақамӣ, мушкилоти фурӯши маҳсулот, набудани шабакаҳои устувори тиҷоратӣ ва кам будани таҷрибаи идоракунӣ рушди устувори фаъолияти онҳоро маҳдуд месозанд.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур инчунин аз зарурати омӯзиши вазъи воқеии соҳибкории занона дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бармеояд, зеро таҳлили соҳибкории занона танҳо дар сатҳи умумии ҷумҳуриявӣ барои муайян намудани хусусиятҳои минтақавии он кофӣ нест. Омӯзиши амиқи вазъ дар сатҳи вилоят имкон медиҳад, ки мушкилоти мушаххаси занони соҳибкор муайян гардида, роҳҳои воқеӣ ва ба шароити минтақа мутобиқшудаи ҳалли онҳо пешниҳод карда шаванд.

Аҳамияти мавзӯъ аз он низ бармеояд, ки соҳибкории занона на танҳо падидаи иқтисодӣ, балки омили муҳими иҷтимоӣ мебошад. Фаъолияти соҳибкории занон ба баланд шудани мақоми онҳо дар оила ва ҷомеа, афзоиши эътимод ба худ, ташаккули малакаҳои роҳбарӣ ва иштироки фаъолтар дар қабули қарорҳои иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Аз нуктаи назари илмӣ, масъалаи соҳибкории занона дар вилояти Суғд ҳанӯз ба таври кофӣ ва низомнок омӯхта нашудааст, аммо омӯзиши маҷмӯии ҳолати соҳибкории занона, омилҳои таъсиррасон, мушкилоти молиявию институтсионалӣ, хусусиятҳои минтақавӣ ва дурнамои рушди он таҳқиқоти махсусро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мубрам буда, ба зарурати муайян намудани вазъи воқеии фаъолияти занони соҳибкор, ошкор намудани омилҳои боздорандаи рушди онҳо, арзёбии имкониятҳои мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок оид ба такмили механизми дастгирӣ ва рушди соҳибкории занона нигаронида шудааст.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд иҷро гардидааст, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи номбурдаи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 (№488/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳод-гардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибос-ҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нага-рдид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуалли-фӣ ичро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич – д.и.и., профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Аминов И.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**н.и.и., дотсент** **Валиев Н.Ш.**
**н.и.и, дотсент** **Гадоев Ҳ.**

Имзоҳои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям:
**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**